«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
профессор ____________ Шодиён М.С.
«____» декабри соли 2019

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик.-Душанбе, 2019, 185 саҳ.**

Саргузашти Юсуф ва Зулайхо яке аз беҳтарин ва муассиртарин қиссаҳо дар адабиёти ҷаҳон маҳсуб ёфта, сюжети он аз фолклори яҳудӣ сарчашма гирифтааст ва он тадриҷан ба таркиби китобҳои муътабари динӣ - Библия ва Қуръон ва бо гузашти садсолаҳо ба адабиёти мухталифи олам роҳ ёфтааст. Қиссаи мазкур ба мисли достонҳои «Лайливу Маҷнун», «Хусраву Ширин», «Вису Ромин» ва амсоли ин собиқаи куҳан дошта, мувофиқи ахбори сарчашмаву маъхазҳо беш аз 80 нафар адибон ба назму наср асарҳо офаридаанд, ки зикри онҳо дар тазкира, ҷунгу баёз ва доиратулмаорифҳо сабт ёфтаанд.

Иншои достонҳои комил оид ба сюжети қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» аз садаи X шурӯъ шуда, то асри XX давом кардааст. Қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» бо фарогирии мавзӯъ, банду баст, сохтор, силсилаи образҳо, сюжети ҷолиб аз осори комили адабӣ ва ахлоқӣ маҳсуб ёфта, мазмун ва муҳтавои он аввал дар устура, баъд дар фолклор ва аз фолклор ба дин ва аз дин ба адабиёт интиқол ёфтааст. Аз ҳамин дидгоҳ, ба қиссаи мазкур донишмандони ватаниву хориҷӣ аз рӯи ҳамин меъёр, яъне қонунияти устура баҳогузорӣ ва таҳлилу баррасӣ намудаанд. Дар бораи таҳқиқ, таърих, заминаҳои эҷод, ҷойгоҳи қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» дар сарчашмаҳо, монандиву фарқияти онҳо ва масъалаҳои маърифати он муҳаққиқону донишмандон Ҳ.Этте, В.В.Бартолд, А.Е.Кримский, Е.Э.Бертелс, И.С.Брагинский, Ян Рипка, Ч.Стори, Забеҳулло Сафо, Муҷтабо Минуӣ, Муҳаммадамини Риёҳӣ, Абдурасул Хайёмпур, Х.Мирзозода, А.Афсаҳзод, Х.Шарифов, М.Б.Пиатровский, Н.Ш.Хисамов, А.Абдусаттор, А.Зуҳуриддинов, С.Амирқулов, С.К.

Азорабеков, Б.Шерназаров, М. Ансор, В.Самад, У.Ғаффорова, А.Қулиев, А.Сатторов, Ҷ.Нагиева, М.Тарбият, С.Воҳидов ва дигарон оид ба ҷанбаҳои ҷудогонаи ин қисса таҳқиқот анҷом дода, андешаҳои муҳим баён кардаанд.

Дар ин замина иншо шудани диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо» - и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» андешаи нав дар адабиётшиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Мубрамияти мавзӯи мавриди назар дар он ифода меёбад, ки бори нахуст диссертант масъалаҳои муҳтаво, сохтор, сюжет, манбаъҳо, сарчашмҳои масеҳӣ ва исломии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомиро, ки аз достонҳои ҷаззобу дилнишин мебошанд, дар муқоиса ба таҳқиқ гирифтааст.

Рисолаи мавриди назар аз муқаддима, се боб, чордаҳ фасл, хулосаву китобнома фароҳам омадааст. Тибқи анъана дар муқаддимаи диссертатсия дар бораи аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, мақсади таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, асосҳои назарӣ ва методологияи таҳқиқот, сарчашма ва предмети таҳқиқ ва нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Муҳтаво, сохтор ва сюжети достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ» унвон дошта, аз чаҳор фасл фароҳам омадааст. Диссертант дар ин фаслҳо масоили манбаъ ва сарчашмаи масеҳии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, манбаъ ва сарчашмаи исломии форсии тоҷикии достонҳои мазкур ва достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомиро дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Унвонҷӯй баъд аз таҳлилу баррасии манбаъ ва сарчашмаи масеҳии «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ба андешаҳои муҳим расида, зикр менамояд, ки асосу бунёди сюжети қиссаҳои мазкур аз Таврот гирифта шудаанд. Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ дар достонҳои худ аз хатти сюжети дар Таврот ва ҳатто Қуръон омада берун рафта, ба сюжети асосӣ иловаҳои зиёд ворид кардаанд, то достонҳои муассиру арзанда иншо намоянд. Баъд аз Таврот сюжети достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро дар Қуръони маҷид мебинем, ки ин ду китоби муътабар сарчашмаи хеле муҳим ва бунёдии достонҳои дар ин мавзӯъ эҷодшуда мебошанд. Албатта, асли мавзӯъ дар ҳар ду китоб як аст. Сюжети достон дар Таврот хеле муфассал ва бо тамоми ҷузъиёт зикр шудааст, вале дар

Қуръон муҷаз ва мухтасар баён гардидааст. Мисолҳои мушаххаси овардашуда ифодагари андешаву хулосаҳои диссертант маҳсуб меёбанд.

Диссертант дар мавриди достони Ховарии Шерозӣ зикр менамояд, ки "Юсуфу Зулайхо" – и Ховарии Шерозӣ дар пайравӣ ба ягон шоире суруда нашуда, мустақил аст. Аз нигоҳи хатти сюжет, устухонбандӣ ва вазн достон мисли достонҳои дигари "Юсуф ва Зулайхо" буда, вале махсусиятҳои худро доро аст. Дар достони Ховарӣ ду масъалаи асосӣ – якум ишқи Зулайхо бо Юсуф ва дувум муфориқати Яъқуб аз Юсуф, ки аз қисмати муассири қисса аст, бо афкори баланд тасвир шудаанд. Маълум мегардад, ки Ховарӣ аз миёни достонҳои "Юсуф ва Зулайхо", ки қабл аз ӯ эҷод шудаанд, танҳо ба достонҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Нозими Ҳиротӣ дастрасӣ ва эътимод доштааст. Муҳаққиқ дар ин фасл дар баробари баррасии қиссаи мазкур зиндагиномаи Ховарии Шерозиро низ мавриди баррасӣ дода, доир ба эҷодиёти ӯ андешаҳои муҳим баён кардааст.

Достони "Юсуф ва Зулайхо"-и Ҷомӣ бошад аз нуқтаи назари мавзӯъ, истифодаи саноеи шеърӣ, нерӯи азими тафаккур, маҳорати фавқулода бузурги воқеанигорӣ, инчунин ба ҳайси зинда, табиӣ ва воқеъбинона тасвир намудани лаҳзаҳои мухталифи муносибати ошиқона, пай бурдан ба умқи олами ниҳонии инсон, шӯру тӯфонҳои бахри қалби одамӣ, панду мавъиза, ҳикмат ва андарзҳои судманди ҳакимона, рою тадбири мамлакатдорӣ, раиятпарварӣ ва амсоли ин аз дигар маснавиҳои дар ин сюжет эҷодшуда ва дигар маснавиҳои шоир ба куллӣ фарқ мекунад.

Боби дуюми рисола "Таҳлили муқоисавии ғоя ва симоҳои марказии достонҳои "Юсуф ва Зулайхо"-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ном дошта, аз чор фасл таркиб ёфтааст.

Фасли аввали ин боб "Таҳлили ғоявии достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ" унвон дошта, дар давраҳои мухталифи таърихӣ эҷод шудаанд, қиссаи рӯзгори ибратбахши пайғамбару пешво ва шахсияти барҷастаи таърихӣ Юсуфро, ки зикраш дар китобҳои осмонии муқаддас -Таврот ва Қуръон омадааст ва саҳифаҳои "Қасас-ул-анбиё"-ҳоро зеб додааст. Аз ин рӯ, ғояи асосӣ ва марказии достонҳои "Юсуф ва Зулайхо"-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомиро ғояи иҷтимоии адолатталабӣ ва панду андарз додан ба подшоҳ ва ҳокимони замонашон ва ваҳдати вуҷуд ташкил медиҳад.

Аз мисолҳои дар диссертатсия овардашуда ба хубӣ муайян мегардад, ки ҳар ду шоир ғояи таблиғи шоҳи одил ва адолатпарварро орзу доранд ва тадриҷан дар мавриди кушодани образҳои Юсуф ва Зулайхо ба баррасии масъалаҳои ваҳдати вуҷуд, парастиши Худои ягона,

густариши дини ислом ва ғайра мерасанд. Агар Ховарии Шерозӣ дар достони худ танҳо ба шахсияти шоҳзодаи Қоҷор Маҳмуд Мирзо таваҷҷуҳ дошта бошад, Абдураҳмони Ҷомӣ ба ғайр аз подшоҳи замонаш Султон Ҳусайни Бойқаро ба ду шахси барҷастаи давронаш Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрори Валӣ ва Алишери Навоӣ низ эътимод ва эҳтироми махсус дорад.

Дар тасвири образи Зулайхо ва дар мисоли занони дигар шоирон мавқеи иҷтимоии занонро маҳдуд тасвир кардаанд. Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ дар достонҳояшон сюжети дар Қуръон бударо бозгӯӣ карда, ба он иловаҳо намуда, достонҳояшонро дар асоси талаботи дини ислом таҳия кардаанд. Ҳангоми таҳлили достонҳо хуб ба назар мерасад, ки муаллифони достонҳо ғояи бартарии дини исломро бар бутпарастӣ тарҷеҳ додаанд, яъне Зулайхои бутпараст барои ишқи покаш ба Юсуф аз бутпарастӣ даст кашида, рӯй ба ислом меоварад. Ин нуктаҳо дар ҳар ду достон якранг тасвир шудаанд.

Фасли дуюми боби мазкури диссертатсия оид ба таҳлили симоҳои марказии достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Ховарии Шерозӣ сухан меравад. Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар достони “Юсуф ва Зулайхо”- и Ховарии Шерозӣ образҳои зиёд мавриди истифодаи шоир қарор гирифтаанд, ки ҷараёни хатти сюжет ба фаъолияти онҳо вобаста аст. Диссертант образҳои марказиву дуюмдараҷа ва лаҳзавиро ҷудо намуда, ба образи Юсуф диққати ҷиддӣ медиҳад ва таъкид мекунад, ки “Образи Юсуф дар достони Ховарии Шерозӣ ва дар достонҳои дигари адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ва дар маҷмӯъ, дар анвои гуногуни шеъри форсии тоҷикӣ аз образҳои дилписанди шоирон ва беҳтарин образест, ки бисёр паҳлуҳои омӯзанда ва тарбиявӣ дорад” (Дис.саҳ.69). Ҳамчунин қайд мешавад, ки Ховарии Шерозӣ дар тасвири образи мазкур аз симои Юсуфи дар китоби Қуръон омада берун нарафта, вежагиҳои динии ӯро нигоҳ доштааст ва дар достони мазкур образи Юсуф, қабл аз ҳама, ҳамчун ҷавони дурандеши босабру таҳаммул, доно, покизахӯй, ростқавл, инсондӯст ва дар роҳи диндориву тақводорӣ хеле фаъолу устувор тасвир шудааст. Зулайхо дар радифи Юсуф яке аз фаъолтарин образҳои достони Ховарии Шерозӣ маҳсуб меёбад, ки унвонҷӯй дар диссертатсия тамоми вижагиҳои ин образро бо ҳусну қубҳаш мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Фасли сеюми боби дуввум ба таҳлили симоҳои асосии достон “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида шудааст. Диссертант дар ин фасл низ образи Юсуф, ки симои марказии достони А. Ҷомӣ маҳсуб меёбад, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Аз андешаҳои унвонҷӯй бармеояд, ки образи Юсуф дар достони Ҷомӣ бо ҳама зебоии

зоҳирӣ ва ботинияш тасвир гардида, сахт пойбанди дин аст ва бе хости Худованди якто ягон амалро иҷро намекунад, оқилу доност, ки аз ибтидои ҳар кор фарҷомашро мебинад, ба ҳама муносибати нек дошта, аз ҳама ин нуктаро хоҳиш дорад. Зулайхо дар тасвири Ҷомӣ аз фаъолтарин чеҳра, кӯшотарин шахсият, ҷолибтарин симо ва зеботарин зан аст. Зулайхо симои зани дирӯз, имрӯз ва фардост, ки бо тамоми фаъолияти ҷолиби худ хатти сужети достонро дилкаш ва рангин намудааст.

Диссертант дар фасли чоруми боби мазкур симоҳои марказии достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ - Юсуф ва Зулайхоро, ки баёнгари орзуву армонҳои ҳарду шоир маҳсуб меёбанд, ба таҳқиқ гирифтааст. Маълум мегардад, ки дар симои Юсуф Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ то дараҷае образи муқаддасеро тасвир кардаанд, ки ӯ аз ҷониби Худованд ба замин ҳамчун рӯҳи поку муқаддас фиристода шудааст, ки ба ӯ ҳама мушкилиҳо тавассути мурочиати бевоситаи ӯ ба Худованд осон мегардад. Ховарӣ ва Ҷомӣ фаъолияти образи Юсуфро чунон ба тасвири бадеӣ кашидаанд, ки ба назари хонанда ҳамчун як инсони одии заминӣ ба назар мерасад, ки дар рафтору кирдораш новобаста аз он ки ӯ мансаби вазирӣ дорад, мисли дигар одамон аст ва аз образҳои хеле ҷолиби адабиёти форсии тоҷикӣ аст. Образи Зулайхо назар ба Юсуф дар ҳар ду достон хеле фаъол аст. Дар достони Ховарии Шерозӣ, ки нисбат ба достони Абдураҳмони Ҷомӣ ҳаҷман калон аст, ӯ лаҳзаҳоеро тасвир кардааст, ки Ҷомӣ аз баёни онҳо худдорӣ кардааст.

Боби сеюми рисола “Вежагиҳои услубӣ ва бадеии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ” унвон дошта, аз шаш фасл фароҳам омадааст.

Диссертант дар фаслҳои мазкур муҳтаво ва устухонбандии достонҳои ҳамном ва монандиву фарқи онҳо, монандӣ ва фарқ дар чеҳраофаринӣ ва тасвирсозӣ, мавқеи хоб ва руъё дар достонҳои ҳамном, мавқеи мунозира дар достонҳои ҳамном, нома ҳамчун хатти ҳунарӣ дар достонҳои ҳамном, забон ва сабки достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомиро мавриди таҳлилу таҳқиқи ҳаматарафа қарор медиҳад. Унвонҷӯй баъд барраеии муҳтаво ва устухонбандии достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ва монандиву фарқи онҳоро дар дувоздаҳ банд натиҷагирӣ намуда, ба хулосаҳои мушаххас расидааст, ки воқеан аз дониши мукаммал оид ба мавзӯъ ва огоҳ будани муаллиф аз сарчашмаҳо башорат медиҳад.

Ҳамзамон диссертант масъалаи монандӣ ва фарқияти чеҳраофаринӣ ва тасвирсозии Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомиро

хеле муъҷазу мушаххас ба таҳлил гирифта, андеша дорад, ки достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ баъд аз бобҳои анъанавии ҳамду наът ва ситоиши мамдӯҳон, ҳар ду шоир замон ва макони таваллуд, муҳити оила ва чӣ гуна тарбият дидани симоҳои асосӣ - Юсуф ва Зулайхоро нишон дода, ба тасвири зебой, ки ҳар ду образ воқеан хеле зебо ва барно нишон дода шудаанд, пардохтаанд. Маълум мегардад, ки Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ аз шоирони чеҳраофар ва тасвирсозе мебошанд, ки ин ду симоро зебо, дилкаш, маъқул ва мақбул офаридаанд ва хонандаро ҳар бархӯрд ба симои онҳо водор мекунад, ки лаҳзаи дигари достонро бихонанд ва бубинанд, ки онҳоро шоирон чигуна тасвир кардаанд.

Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ дар баробари шоири муваффақи чеҳранигор ва тасвирсоз ба назар расидан ба саҳнаҳои дигари зиндагӣ, амсоли хобу руъё низ таваҷҷӯҳи хосса зоҳир кардаанд. Диссертант ҳангоми баррасии ин масъала ба мазмуни хобҳое, ки дар достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ омадаанд, таваққуф намуда, онҳоро ба се гурӯҳ - хобҳои фардӣ, гурӯҳӣ ва хобҳое, ки ба ҷомеа вобастаанд, ҷудо менамояд ва аз ҳамин дидгоҳ ба онҳо, ки ҳамчун хатти ҳунарӣ дар достонҳо хеле мавқеи сазовор дошта, барои муассир ва ҷолиб тасвир шудани лаҳзаҳои гуногуни достонҳо истифода шудаанд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Дар баробари ин унвонҷӯй ба мавқеи мунозира дар достонҳои ҳамном, ки аз масъалҳои хеле муҳим маҳсуб меёбад, таваҷҷуҳ намудааст, зеро “Мунозира аз хатҳои дигари ҳунарист, ки дар достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ истифода шудаанд. Мунозира аз анвои адабист, ки дар он ду образи асари бадеӣ ба ҳам оид ба як ё чанд масъалае, ки дар асар омадааст, байни ҳам баҳс мекунанд ва дар охир роҳи ҳалли масъаларо пайдо мекунанд, ки ҳам Ховарӣ ва ҳам Ҷомӣ аз он истифода бурдаанд” (Дис.саҳ.140).

Масъалаи нома ҳамчун хатти ҳунарӣ дар достонҳои ҳамном аз фаслҳои муҳим арзёбӣ шудааст. Зеро номаҳо дар достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун хатти ҳунарии шоирон истифода шудаанд, ки ҳар кадоми онҳо аз нигоҳи миқдор ва мазмун нақши муассир доранд.

Забон ва сабки достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ба сабки роиҷи хуросонӣ эҷод шуда, дарки мазмуну мӯҳтавои достонҳо ягон мушкилоте надорад. Вожаву таъбирҳои арабӣ нисбат ба достони Ховарӣ дар достони Ҷомӣ, хусусан дар унвони бобҳо бештар ба назар мерасад. Ҳусни баён, истифодаи санъатҳои бадеӣ, ҳунари суханварӣ, истифодаи хоб ва руъё, мунозира ва нома ҳамчун хатти ҳунарии асарҳо дар баёни ҳар шоир гуногун аст ва монандиҳо низ дорад, ки унвонҷӯй

тафсилоти онҳоро бо мисолҳои мушаххас нишон додааст. Ҳамчунин диссертант дар ин ҷо ба мақом ва нақши Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун устодони чеҳраофар ва тасвирсоз, ки аз санъатҳои лафзиву маънавӣ, аз ҷумла, ташбеҳ, талмеҳ, тавсиф, ташхис, муболиға, саволу ҷавоб ва ғайра фаровон истифода кардаанд, баҳои арзанда ва ҳаққонӣ медиҳад.

Хулосаву мушоҳидаҳои муаллифи диссертатсия оид ба мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо» - и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» чашмрас буда, раванди омӯзиши достонҳои "Юсуф ва Зулайхо"-ро дар адабиётшиносии тоҷик муайян мекунад.

Диссертатсияи Ҷавҳарова М.О. бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд камбудиву норасоиҳое доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебшад:

1. Ба андешаи мо, муҳиммияти мавзӯъ боз ҳам ба пурқувват кардан ниёз дорад.

2. Бо вуҷуди он ки дар қисмати хулоса аз муҳтавои бобҳои кор хеле хуб натиҷагирӣ карда шудааст, хулосаи баъзе зербобҳо мукаммал нест.

3. Китобномаи диссертатсияро мутобиқ ба талаботи ВАК-и Тоҷикистон ислоҳ бояд намуд.

4. Дар саҳифаҳои гуногуни рисола ғалатҳои имлоӣ ва китобат (12, 15, 18, 26, 27, 30, 33, 34, 47, 48, 77, 89, 93, 108...) ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати рисолаи илмиро беҳтар хоҳад намуд.

5. Баъзе аз нуктаҳои зикршудаи ислоҳталаб дар саҳифаҳои фишурдаи рисола низ дида мешаванд.

Камбудиҳои мавҷуда, албатта, ба мазмуну муҳтавои рисола латмае ворид намекунанд. Баръакс, ислоҳи онҳо ба манфиати диссертатсия ва диссертант аст.

Автореферати диссертатсия, монография ва мақолаҳои чопнамудаи диссертант дар маҷаллаҳои номнависшудаи ВАК-и Тоҷикистон мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос карда,ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи Ҷавҳарова Муҷибахон Одиловна дар мавзӯи «Юсуф ва Зулайхо» - и Ховарии Шерозӣ ва муқоисаи он бо достони ҳамноми Абдураҳмони Ҷомӣ» таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа 12 нафар устодон иштирок дошта, 12 нафар овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 12 нафар, "муқобил" - нест, "бетараф"- нест.

Протоколи № 5 аз 24-уми декабри 2019.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав,**
**номзади илми филология:** **Аҳмадов Сафармад Гадомадович**

**Котиби ҷаласа, саромӯзгори кафедра:** **Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна**

**Эксперт, доктори илми филология,**
**профессор:** **Тағоймуродов Рустам Ҳакимович**

**Имзои С. Аҳмадов, М.Маҳмадалиева ва Р.Тағоймуродовро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав:** **Амиршоев Атохоҷа**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар кӯчаи Айнӣ 67,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: ktsu78@mail.ru**